# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2026. – 178 с.)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, пурра мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ба зарурати такмили танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши талабот ба воситаҳои кафолатноки ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданӣ вобаста мебошад.

Шартномаи эскроу ҳамчун механизми муосири таъмини иҷрои ухдадориҳо ба баланд бардоштани сатҳи эътимод байни тарафҳо, коҳиш додани хавфҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, инчунин таъмини шаффофият дар муносибатҳои молумулкӣ мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди ворид гардидани институти мазкур ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба моҳияти ҳуқуқӣ, мавқеи он дар низоми шартномаҳои маданӣ, вазъи ҳуқуқии

тарафҳо, асосҳои қатъ гардидани шартнома ва ҷавобгарии иштирокчиёни он ҳанӯз ҳам баҳсталаб боқӣ мемонанд.

Илова бар ин, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва истифодаи маҳдуди шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро дар ин самт тақозо менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло ба яке аз институтҳои нави ҳуқуқи маданӣ – шартномаи эскроу бахшида шуда, аз ҷумлаи аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт маҳсуб меёбад. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, адабиёти илмӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва маводи оморӣ моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии шартномаи эскроуро муайян намуда, барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳои илмӣ-назариявӣ ва амалиро асоснок кардааст.

Ба сифати муҳимтарин натиҷаҳои нави илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда метавон инҳоро номбар намуд:

1. Муаллиф зарурати такмили муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба шартномаи эскроу асоснок намуда, пешниҳод кардааст, ки маҳдудияти муҳлати шартномаи эскроу аз қонунгузорӣ хориҷ гардида, муайян намудани мухлат ба ихтиёри тарафҳо вогузор карда шавад. Ҳамчунин, бекор намудани талаботи ҳатмии тасдиқи нотариалии шартномаи эскроу ва ҷорӣ намудани падидаи «Интернет-эскроу» барои муомилоти электронӣ пешниҳод шудааст.

2. Дар заминаи таҳлили қонунгузории нотариат ва амалияи ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст, ки ба ҷойи нотариус «идораи нотариалии давлатӣ» ҳамчун агенти эскроу эътироф карда шавад, зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

танҳо низоми давлатии нотариат амал мекунад ва нотариусони хусусӣ фаъолият намекунанд.

3. Бо сабаби набудани таърифи ҳуқуқии қатъ гардидани шартномаи эскроу дар қонунгузорӣ, муаллиф мафҳуми илмии ин падидаро пешниҳод намудааст, ки тибқи он қатъ гардидани шартномаи эскроу ҳамчун ҳолате фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи фаро расидани асосҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо пурра хотима меёбанд.

4. Муаллиф шаклҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроуро муайян намуда, ба онҳо рӯёнидани ноустуворона, ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, уҳдадор намудани шахс ба иҷрои шартнома ва манъи яктарафа қатъ намудани он дохил кардааст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, барои рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва такмили танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо истифодаи васеи сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, санадҳои стратегӣ, маълумоти оморӣ ва маводи илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таъмин гардидааст. Муаллиф зимни таҳқиқ аз методҳои муосири илмӣ, аз ҷумла методҳои таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ истифода намуда, масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии шартномаи эскроуро ҳамаҷониба баррасӣ кардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин бо такя ба заминаи васеи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳо ва

пешниҳодҳои муаллиф натиҷаи таҳлили амиқи маводи назариявӣ ва амалии соҳа буда, бо далелҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ асоснок шудаанд.

Дар маҷмуъ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок, мантиқан пайгирона ва барои истифода дар фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ арзишманд мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз феҳристи муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисми муқаддима зарурати интихоби мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати аҳаммияти илмӣ ва амалӣ бо далелҳои муътамад асоснок гардидааст. Ҳамзамон, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои илмӣ, объект ва предмети омӯзиш, асосҳои методологӣ, инчунин унсурҳои навгонии илмӣ ва арзиши амалии натиҷаҳои бадастомада мушаххас ифода ёфтаанд.

Боби якум – **«Тавсифи умумии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ. 17-71) аз се зербоб иборат буда, ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии институти шартномаи эскроу бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф мафҳум ва моҳияти шартномаи эскроуро мавриди таҳлил қарор дода, ҷойгоҳ ва нақши онро дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ муайян намудааст. Ҳамчунин таносуби шартномаи эскроу бо дигар намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои фарқкунанда ва умумии онҳо муайян карда шудаанд. Дар зербоби сеюм таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ оид ба шартномаи эскроу анҷом дода шуда, таҷрибаи пешрафтаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби дуюм – **«Унсурҳои шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ. 72–101) аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба мавзуи шартномаи эскроу, хусусиятҳои ба амонат

гузоштани объектҳои алоҳидаи он ва вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни шартнома мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф ҳуқуқу уҳдадориҳои амонатгузор, агент ва бенефитсиарро таҳлил намуда, масъалаҳои баҳсталаби марбут ба мақоми ҳуқуқии онҳоро аз нуқтаи назари қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ баррасӣ кардааст.

Боби сеюм – **«Асосҳои қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои он»** (саҳ. 102–145) аз ду зербоб иборат буда, ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии иштирокчиёни он бахшида шудааст. Дар ин боб асосҳои ҳуқуқии қатъ гардидани шартномаи эскроу, тартиби татбиқи онҳо ва паёмадҳои ҳуқуқии вобаста ба анҷоми муносибатҳои шартномавӣ таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳо барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифта, роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии онҳо пешниҳод шудаанд.

Хулосаи диссертатсия 30 нуқтаи дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалиро дар бар мегирад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, дорои низоми мантиқӣ ва пайдарпай мебошад. Дар қисми хулоса, инчунин як қатор тавсияҳои мушаххаси қонунгузорӣ пешниҳод шудаанд, ки ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ моҳият, хусусиятҳо ва табиати ҳуқуқии шартномаи эскроуро муайян намуда, ҷойгоҳи онро дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ асоснок кардааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд ҳамчун заминаи

назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва муносибатҳои шартномавӣ истифода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди назарияи уҳдадориҳо ва такмили фаҳмиши илмӣ оид ба институтҳои нави ҳуқуқи хусусӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои таҳиянамудаи муаллиф метавонанд зимни такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои шартномавӣ истифода шаванд. Хулосаҳои диссертатсия барои мақомоти қонунгузор, мақомоти судӣ, нотариат, ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳо, ширкатҳои сохтмонӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти амалӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар раванди омӯзиш ва таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи бонкӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот бо он алоқаманд аст, ки татбиқи васеи механизми шартномаи эскроу метавонад ба баланд бардоштани сатҳи эътимод дар муомилоти иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои соҳибкорӣ, ҳифзи сармоягузорӣ ва таъмини амнияти гардиши молу мулк мусоидат намояд. Истифодаи самараноки шартномаи эскроу дар бахшҳои сохтмон, сармоягузорӣ, фаъолияти бонкӣ ва тиҷорати электронӣ имконият фароҳам меорад, ки хавфи иҷро нашудани уҳдадориҳо кам гардида, сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ баланд бардошта шавад. Дар навбати худ, ин омил метавонад ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармояҳои дохиливу хориҷӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки такмили танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо мусоидат мекунад. Истифодаи чунин механизми ҳуқуқӣ имконияти пешгирии қаллобӣ, коҳиш додани баҳсҳои шаҳрвандӣ ва

таъмини иҷрои одилонаи уҳдадориҳоро фароҳам меорад. Дар бахши сохтмони манзил, хизматрасониҳои молиявӣ ва муомилоти электронӣ истифодаи шартномаи эскроу метавонад сатҳи эътимоди аҳолиро нисбат ба институтҳои давлатӣ ва молиявӣ баланд бардошта, ба таҳкими суботи иҷтимоӣ ва рушди муносибатҳои шаҳрвандӣ мусоидат намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло аз рӯйи мазмун, сохтор ва сатҳи иҷроиш ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо) тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқот ҳамчун кори илмии мустақилона анҷом дода шуда, дорои сохтори муназзам, пайдарпайии мантиқӣ ва мутобиқати дохилии қисмҳои таркибӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда дорои унсурҳои навгонии назаррас буда, бо таҳлили амиқи манбаъҳои меъёрӣ ва илмӣ асоснок гардидаанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии муаллиф бо фаъолияти нашриявӣ, иштироки ӯ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин муҳокимаи натиҷаҳо дар муҳити илмӣ тасдиқ меёбанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Муқаррароти №4, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, дорои навгонии илмӣ намебошад. Муаллиф дар он шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроуро номбар намуда, имконияти рӯёнидани зарари маънавиро дар ҳолати иҷрои номатлуби уҳдадориҳо қайд мекунад. Вале ин хулоса натиҷаи таҳлили муқаррароти амалкунандаи қонунгузории граждани буда, аслан ифодаи ҳолати мавҷудаи танзими ҳуқуқӣ мебошад ва пешниҳоди нави илмӣ ё назариявиро дар бар намегирад. Аз ин рӯ, муқаррароти мазкур бештар хусусияти тасдиқи воқеият дошта, на натиҷаи нави илмии таҳқиқот.

2. Ба андешаи мо, хулосаи муаллиф № 27 оид ба шабоҳати шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон ва шартномаи эскроу дуруст нест. Муқоисаи шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон ва шартномаи эскроу аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қобили қабул намебошад, зеро онҳо аз рӯи табиати ҳуқуқии худ шартномаҳои гуногун мебошанд. Шартномаи иштироки ҳиссагӣ муносибатҳои байни сохтмончӣ ва иштирокчии сохтмони ҳиссагиро вобаста ба бунёд ва супоридани объекти ғайриманқул танзим менамояд. Дар навбати худ, шартномаи эскроу байни депонент, бенефитсиар ва агенти эскроу баста шуда, танҳо ба таъмини иҷрои уҳдадориҳо тавассути нигоҳдории маблағҳои пулӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, ин ду шартнома дорои ҳайати субъектӣ, предмет ва вазифаҳои гуногун мебошанд. Бинобар ин, шартномаи эскроу танҳо ҳамчун механизми иловагии таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар доираи муносибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ баромад мекунад.

3. Хулосаи муаллиф дар бораи он ки эскроу механизми самараноки таъмини муносибатҳои иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон мебошад, ба таври кофӣ асоснок карда нашудааст. Моҳияти иқтисодии шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон аз он иборат аст, ки сохтмончӣ барои бунёди объект

маблағҳои иштирокчиёни сохтмонро ҷалб менамоянд ва иштирокчии ҳиссагӣ бошад, бо қабул намудани хавфҳои муайян, манзили истиқоматиро одатан бо нархи нисбатан пасттар аз арзиши бозории манзили тайёр ба даст меорад. Ҷорӣ намудани ҳисобҳои эскроу ин модели муносибатҳоро ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад, зеро маблағҳои иштирокчиёни сохтмон то анҷоми сохтмон барои сохтмончӣ дастнорас мегарданд. Дар натиҷа сохтмончӣ маҷбур мешавад маблағгузории бонкиро ҷалб намояд, ки ин ба афзоиши арзиши аслии сохтмон оварда мерасонад. Дар ниҳоят, хароҷоти иловагии вобаста ба хизматрасонии қарзҳо метавонанд ба зиммаи харидорони манзил гузошта шаванд, ки дар натиҷа яке аз бартариҳои асосии иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон – имконияти харидории манзил бо нархи дастрас – аз байн меравад. Ғайр аз ин, манфиати асосӣ аз ҷорӣ намудани низоми ҳисобҳои эскроу ба муассисаҳои қарзӣ мерасад, ки маблағҳои назарраси иштирокчиёни сохтмонро ҷамъ намуда, имкониятҳои иловагӣ барои густариши фаъолияти молиявии худро соҳиб мегарданд.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзёбии умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири ҳалкунанда намерасонанд, сатҳи анҷомёфта ва мукаммалии таҳқиқро халалдор намекунанд ва арзиши натиҷаҳои илмии бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ, Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо) тасдиқ шудааст, пурра мувофиқ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон ________________ Аминова Ф.М.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н. Махсум, 85/1
Тел. 227-39-86; E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

Имзои Ф.М. Аминоваро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон ____________ Исмоилова М.Н.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru
«28» ______05______ 2026 сол